# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи “Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кандрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст.**

Дар шароити кунунии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муасисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон беш аз пеш аҳамияти муҳимми бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Омӯзиши илм барои инсон муқаддамтарин рисолат ба ҳисоб меравад ва он набояд дар ягон марҳилаи ҳаётиаш қатъ гардад. Бинобарин ин дар раванди бархӯрдҳои шадиди муосир рӯ овардан ба илм аз тарафи ашхоси калонсол ҳамчун намунаи ибрат ба насли оянда пазируфта мешавад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мегардад, ки муаллифи он ба мавзуъ ворид буда, аз масъалаҳои ҷудогонаи ин бахши илм хуб бархурдор аст, ки шеваи пажуҳиш довари ин гуфтаҳост.

Дар **муқаддима** довталаб бо назардошти меъёрҳои муқаррагардида диссертатсияро муаррифӣ намуда, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ки кор дар заминаи онҳо иҷро гардидааст, баён менамояд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ муҳаққиқи ҷавон мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои илмӣ ва асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳқиқ, тасвиби амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, сохтори онро муайян намудааст.

**Боби аввал**, ки «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ» унвон гирифтааст, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб, ки «Пайдоиш ва ташаккули андрагогика» ном дорад, сабабҳои пайдоиш ва манбаи ташаккули он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли дуюми боби аввал** - «Хусусиятхои хоси таълими калонсолон» ном дошта, дар ин фасл хусусиятҳои хоси таҳсили ашхоси калонсол мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Дар ин фасл зикр мегардад, ки “Худи мафҳуми шахси калонсолон ба таври мукаммал дар ҷаласаи ЮНЕСКО, ки соли 1976 баргузор гардида буд, чунин таъриф дода шудааст: «Дар ҷомеа ҳама гуна ашхоси калонсол мавриди эътибор қарор дорад ва ба таълиму омӯзиш фаро гирифтани онҳо кори хайр ва наҷиб маҳсуб меёбад».

Довталаби дараҷаи илмӣ **дар фасли сеюми боби аввал**, ки «Асосҳои назариявии андрагогика» номгузорӣ шудааст, консепсияҳо ва барномаҳои

мушаххаси ба самт равонагардидаро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, дар ин фасл сухан оид ба моделҳои педагогӣ – мушаххасан модули таҳсилотӣ меравад ва ба рушди маърифати зеҳнии калонсолон нигаронида шудааст.

Дар **фасли чоруми боби якум**, ки ба «Таълими калонсолон ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, хусусиятҳо ва заминаи ҳуқуқии рушди ин соҳа дар кишвар баррасӣ гардидааст. Дар он зикр мегардад, ки мушкилоту имкониятҳои таълими калонсолон пайваста дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Тавре аз ин қисмати автореферат бармеояд, заминаи ҳуқуқии рушди таълими калонсолон дар кишвар бо як қатор қарорҳои Ҳукумат таҳким ёфта, онҳо ба танзими фаъолияти марказҳои таълимӣ, таҳияи стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ равона шудаанд..

**Боби дуюми диссертатсия** «Стратегияи таҳсили калонсолон дар асоси технологияи муосири педагогӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим» унвон додшта, дар се фасли он андрогогика дар партави муайян кардани дурнамои таҳсили калонсолон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим бо истифода аз имкониятҳои технологияи муосири педагогӣ шарҳу таҳлил гардидааст.

Дар **фасли якуми боби дуюм** «Тамоюлҳои муосири таълими калонсолон дар партави талаботи технологияи педагогикаи муосир дар самти андрагогика» зикр мегардад, ки дар шароити тағйироти босуръати низоми таҳсилоти касбӣ омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоиву психологӣ ва эҳтиёҷоти таълимгирандагони калонсол, бахусус дар такмили салоҳиятҳои касбӣ, аҳамияти стратегӣ дорад. Дар ниҳоят, таъкид мешавад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ омодасозии омӯзгорон, ташкили барномаҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои муосир зарур буда, барномаҳои таълими калонсолон бояд ба шуурнокии таълимгирандагон, ниёзҳои амалӣ, робитаи муассири омӯзгор ва таҷрибаи ҳаётии калонсолон такя намоянд.

Дар **фасли дуюми боби дуюм** - «Назарияи таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ» асосҳои назариявӣ ва моделҳои мухталифи андрагогӣ баррасӣ шуда, таъкид мегардад, ки назарияи ягонаи умумии таълими калонсолон вуҷуд надорад, баръакс, чандин моделҳо равишҳои гуногуни омӯзиши калонсолонро пешниҳод мекунанд. Довталаб ба ин натиҷа расидааст, ки таълими босифати калонсолон ҳамчун омили калидӣ барои омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба бозори меҳнат ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар арзёбӣ мегардад.

**Фасли сеюми боби дуюм** - «Вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон» ба шарҳи вижагиҳо ва бартариҳои фаъолияти омӯзгор-андрагог бахшида шуда, муаллиф нишон медиҳад, ки ин фаъолияти касбӣ аз кори омӯзгорони мактабӣ фарқ карда, аз мутахассис талаб мекунад, ки дорои маҷмуи салоҳиятҳои махсуси андрагогӣ бошад, то раванди таълими калонсолон ва таҳсилоти баъдидипломӣ самаранок ба роҳ монда шавад. Дар маҷмуъ, довталаб ба ин натиҷа расидааст, ки андрагог мутахассиси соҳиби дониш ва малакаҳои хос

аст, ки хусусияти таълими калонсолонро, аз фардият, таҷрибаи зиндагӣ, ҳавасмандӣ, майли амалӣ кардани дониш то ниёз ба муносибати инфиродӣ ва муошірати касбии озод ба инобат гирифта, раванди омӯзишро ба таври муассир ташкил менамояд.

**Боби сеюми диссертатсия** «Асосҳои технологияи таълими калонсолон» унвон дошта, дар ду фасли он амсилаи ташкилӣ-фаъолгардонии раванди таълим ва вижагиҳои низоми андрагогӣ дар заминаи фаъолияти Марказҳои таълимии калонсолони назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

**Фасли якуми боби сеюм**, ки «Амсилаи ташкилӣ-фаъолиятии раванди таълим» ном дорад, ба тавсифу баррасии ҷанбаҳои ташкил ва фаъолгардонии таълими калонсолон бахшида шудааст. Дар он оид ба робитаи омӯзишу таълим бо илми педагогика, ки тамоми равандҳои омӯзишу парваришро фаро мегирад, хулосаҳои муҳим пешниҳод мегарданд. Гуфта мешавад, ки таҳсилот, хоҳ расмӣ ва хоҳ ғайрирасмӣ, бояд низоми муайянеро ташкил диҳад, ки ҳадафҳои барномаҳои таълимиро амалӣ намояд ва ба муҳассилин донишҳои заруриро фароҳам оварад.

Дар **фасли дуюми боби сеюм** зери унвони «Хусусиятҳои фаъолияти андрагогӣ» ҷанбаҳои хоси кори омӯзгор-андрагог баррасӣ мегарданд. Муаллиф дақиқ намудааст, ки андрагог ҳамчун коршиноси соҳаи таълими калонсолон дар бахшҳои гуногуни истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ ба калонсолон ёрӣ мерасонад ва ба боло бурдани салоҳият, дониш ва маҳоратҳои онҳо мусоидат мекунад. Вазифаҳои асосии андрагог аз доир кардани машваратҳои илмӣ, ташкили хизматрасониҳои иҷтимоиву таълимӣ, ҳамчунин роҳандозии корҳои ташкиливу мудириятӣ дар муассисаҳо иборатанд.

**Боби чорум** «Назария, методика ва роҳандозии шаклҳои мухталифи таълим: расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ» унвон гирифтааст.

**Фасли якуми боби чорум**, ки «Моҳият ва асолати таҳсилоти ғайрирасмӣ аз назаргоҳи методология ва мақоми он дар низоми такмили ихтисоси омӯзгор» ном дорад, ба баррасии асосҳои методологии ин навъи таълим бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллиф бо такя ба андешаҳои муҳаққиқон муносибатҳои андрагогиро дар омӯзиши масъалаҳои педагогӣ нақши муҳим арзёбӣ кардааст. Дар ниҳоят, ба ин натиҷа расидааст, ки назарияи таълими ғайрирасмӣ дар асоси ғояҳо ва принсипҳои муайяни педагогӣ ва бо дарназардошти омилу тамоюлоти методӣ ташаккул меёбад.

Дар **фасли дуюми боби чорум** - «Масъалаҳои методологии рушди назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ оид ба назарияи фалсафӣ-антропологии иртибот ва муошират» назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ва иртибот дар таҳсилоти ғайрирасмӣ баррасӣ мешавад. Таълимоти андрагогӣ дар асоси назарияҳои илмӣ ба рушди таҷрибаи қаблӣ ва омодагии касбии омӯзгорон равона карда шудааст. Зикр мегардад, ки таҳсилоти ғайрирасмӣ бо истифода аз принсипҳои фалсафӣ ва антропологӣ имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои иҷтимоӣ, саводнокӣ, малака ва донишҳои муҳассилин афзоиш

ёбад ва фаъолияти коммуникативии онҳо дар раванди омӯзиш ба таври муассир таҳким дода шавад.

**Фасли сеюми боби чорум** «Ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбият» ном дошта, ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои дидактикии рушди маҳорати касбӣ дар таълими ғайрирасмӣ равона шудааст. Дар ин бахш таваҷҷуҳ асосан ба таълими калонсолон дода шудааст, ки дар он масъалаҳои истифодаи методҳо ва технологияҳои муносиб барои ташаккули малакаҳои касбӣ баррасӣ мегарданд, ҳамчунин хусусиятҳои антропологӣ ва фалсафии таълими калонсолон ба назар гирифта шудаанд.

Муаллиф дар **фасли чоруми боби чорум** - «Воридкунии таҳсилоти ғайрирасмӣ ба низоми такмили ихтисос» таҷрибаи вилояти Хатлонро дар ворид кардани таҳсилоти ғайрирасмӣ (ТҒ) ба низоми такмили ихтисоси омӯзгорон баррасӣ мекунад. Тавре дар автореферат қайд шудааст, то солҳои 2012-2013 мафҳуми ТҒ барои омӯзгорон номаълум буд, вале аз соли 2014 курсҳо ва амсилаҳои такмили ихтисос бо назардошти мушкилоти омӯзгорон ва бо истифода аз методи назорати гурӯҳӣ амалӣ шуданд, ки рушди донишу малака ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо ва ҳамгироии мавзуъҳои тадқиқотиро таъмин намуд.

**Боби панҷум** «Натиҷаҳои озмоиш оид ба муайян кардани мақоми таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили тахассус» унвон гирифта, дар он натичаҳои таҷриба оид ба муқаррар намудани нақш ва мавқеи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Фасли якуми боби панҷум** - «Маълумоти курсҳои такмили ихтисос дар ташкилоти таҳсилоти иловагии касбӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» маълумоти умумӣ ва таҳлили чараёни такмили ихтисоси омӯзгоронро дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2022 дар бар мегирад. Ба таъкиди довталаб беш аз нисфи вақти курсҳо ба машқҳои амалӣ ихтисос ёфта, технологияҳои гуногуни таълим, аз бозии маърифатӣ то муаррифии таҷрибаи пешқадам истифода мешаванд.

**Фасли дуюми боби панҷум** - «Пурсиши посухдиҳандагон оид ба маълумоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос» ба омӯзиши назару андешаҳои посухдиҳандагон оид ба мақому мазмуни таҳсилоти ғайрирасмӣ (ТҒ) дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бахшида шуда, дар асоси таҳлили ҷавобҳои солҳои 2016-2022 нишон медиҳад, ки дарки моҳияти ТҒ тадриҷан амиқтар гардидааст. Бо дарназардошти ин натиҷаҳо, озмоиши амалӣ оид ба тайёр кардани омӯзгорон ба таълими калонсолон дар асоси принсипҳои андрагогика дар минтақаи Кӯлоб ва шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар се марҳила (омодагӣ, амалишавӣ ва ҷамъбаст, 2017-2022) роҳандозӣ гардидааст. Равшан гардидааст, ки навовариҳо ва воситаҳои ғайрирасмии таълим метавонанд сифати касбии омӯзгоронро дар шароити тағйирёбандаи низоми маориф ба таври назаррас боло баранд.

**Фасли сеюми боби панчум** - «Натиҷаи марҳилаҳои озмоиш оид ба ворид намудани таҳсилоти ғайрирасмӣ дар таҳсилоти расмӣ» ба натиҷаҳои марҳилаҳои озмоишии ворид намудани таҳсилоти ғайрирасмӣ (ТҒ) ба низоми расмии такмили ихтисос бахшида шудааст. Зимни таҳлил муаллиф равшан намудааст, ки бо пайвастани имкониятҳои системаи педагогӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, омӯзгорон дар ҳамкорӣ бо субъектҳои дигари раванди таълим аз захираҳои интернетӣ, тавсияҳо ва маводи методӣ самаранок истифода мекунанд.

Навоварӣ ва бозёфтҳои илмии довталаб дар автореферати диссертатсия тавассути муҳокимарониҳо ва хулосаҳои мушаххаси илмӣ тавассути нақша ва диаграммаҳо ифода ёфтаанд. Муҳокима ва натиҷагириҳои довталаб дар 23 банд ба таври густурда ва фарогир ҷамъбаст гардидаанд, ки бо далелу бурҳон ва афкори ҷолибу қобили таваҷҷуҳ хулоса шудаанд.

**Хулоса**, кори тадқиқотии довталаб Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи Технологияи рақамӣ ва амнияти кибериии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон — Назаров Аҳтам Пулотович

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носиров - 33. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 908-08-2384.

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти ҶТ — А. Насурдинзода

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС / УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

«18» ноябри соли 2025